**Тақризи**

**роҳбари илмии диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 таърихи фалсафа.**

Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимтарин таърихи фалсафа ва замони муосир бахшида шудааст, ки дар он муаллиф баҳсу назарияҳои муфассалеро бо риояи тамоми талаботи таълифоти диссертатсияҳо, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, анҷом додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашаванда иборат буда, бо забони илмӣ пешниҳод гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки масъалаи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ тӯли таърих то ба имрӯз ҳамчун масъалаи муҳимтарин дониста шуда, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ ин мавзӯъ мавриди баҳсҳои доманадор гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсияи худ муаллиф мубрамияти мавзӯъ, сатҳи пажуҳиши мавзӯъи таҳқиқшаванда, робитаи онро бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯҳои илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои асосии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосӣ, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд, саҳми шахсии муаллиф дар дарёфти дараҷаи илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро ёдоварӣ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия муаллиф "Заминаҳои ғоявӣ ва иҷтимоии таълимоти машшоия шарқӣ дар бораи зан"-ро мавриди баррасӣ қарор дода, кӯшиш намудааст дар асоси сарчашмаҳои муътабар ба он равшанӣ андозад. Дар ин қисмати кори худ муаллиф мақом ва ҷойгоҳи иҷтимоии занро дар афкори динӣ-фалсафии Эрони бостон хело хуб

нишон дода, мавқеи ӯро дар корҳои сиёсии давлатӣ, ҷамъиятӣ ва муҳим аз ҳама оила ошкор намудааст, ки зидди тасаввуротҳои таассуби динӣ доир ба зан мебошанд. Ҳамчунин баробари мавқеи занро дар афкори динӣ-фалсафии Эрони бостон баён намудаанаш, дар таълимотҳои фалсафии файласуфони Юнони қадим низ баррасӣ намуда, таъсири ин ду фарҳангро ба ислом муқоиса ва таҳлилу баррасӣ намудааст, ки хело ҷолиби диққат мебошанд. Инчунин таъсири онҳо ба афкори намояндагони машшоия нишон дода шуда, мақеи зан аз нигоҳи динҳо ва ҳам аз нигоҳи мутафаккирони машшояи шарқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм "Мақоми зан дар фалсафаи машшоия шарқӣ" мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар доираи зербобҳои он "Дидгоҳи Абӯнасри Форобӣ дар бораи зан ва мақоми ӯ", "Вазифаҳои иҷтимоии зан дар фалсафаи Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ" ва "Инъикоси дидгоҳҳои анъанавӣ оид ба зан дар таълимоти машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба ташаккули муносибатҳои гендерӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик" мавзӯи мазкурро таҳқиқ намудааст, ки ҳар кадоми онҳо бо назарияҳои хоссаи худи муаллиф таҳлил ёфтаанд.

Навгониҳои таҳқиқоти муаллиф дар диссертатсия аз он иборат мебошад, ки ӯ кӯшиш намудааст дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва таърихӣ ҳар як боб ва зербобро бо тарзи масъалагузорӣ ва ҳалу фасли онҳо дар асоси таҳлилҳои васеъ ба роҳ монад, ки чунин муносибат имкон медиҳад муҳақиқони баъдӣ низ на танҳо дар соҳаи фалсафа, балки ҳуқуқ, сиёсат, ахлоқ ва ғайра таваҷҷӯҳи хосса зоҳир намоянд.

Тамоми зербобҳои аввал ва дуюми диссертатсия баёнгари он мебошанд, ки муаллиф алоқамандии мавзӯҳоро аз лиҳози таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои муътабар бо далелҳои илмӣ асоснок намуда, ҳатто ба баъзе аз назарияҳои ба масъалаи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар ҷомеа ва оила аз назари танқидӣ муносибат намудааст. Диссетратисияи мазкур дар сатҳи зарурӣ аз ҷониби муаллиф таҳлилу баррасӣ ёфта, аз баъзе

хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ холӣ нест, ки ин хаттогиҳо наметавонад ба мазмуни кор таъсири манфӣ расонад. Сарчашмаву адабиётҳои зиёди тадқиқотии истифодашуда баёнгари он мебошанд, ки муаллиф дар баррасии намудани мавзӯи диссертатсия омодагии хеле хуб дида, аз мавқеи манфиатҳои илмӣ ба ҳар кадоми онҳо муносибат ва баҳогузорӣ намудааст. Хизмати асосии диссертант дар таҳлилу баррасии масъалаи мазкур аз он иборат мебошад, ки ӯ бори аввал ин мавзӯъро аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ намудааст.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастовардаи муҳаққиқ баёнгари он мебошад, ки онҳо асосноку муътамаданд ва дар асоси сарчашмаву далелҳои санҷидашуда анҷом пазируфтаанд. Диссертатсияи таҳқиқотии Амирбекова И. Ҷ. кори ба анҷомрасида буда, ба пурраги ба талаботҳои низомнома ва рисолаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Профессори кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифат** **Худойдодзода Ф.Б.**

**Имзои д.и.ф. Худойдодзода Ф.Б.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

31.01.2023